# Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Яҳёзода Ғолиб Яҳё дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010100 - Таълим ва тарбияи томактабӣ (6D010101 - Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ))

Маърифати экологӣ барои рушди устувор маълумоти пешравандаро дар бар гирифта, ба ҳалли масъалаҳои муосири иҷтимоию экологӣ, фароҳам овардани шароит барои худфаъолиятгузорӣ ва рушди шахсият дар муҳити зуд тағйирёбандаи иҷтимоӣ нигаронида шудааст.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқнамудаи докторант Яҳёзода Ғолиб Яҳё дар ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ дар бораи табиати Тоҷикистон бо фароҳам овардани шароитҳои педагогӣ дар муассисаи таълимии томактабӣ мебошад.

Оид ба муҳимияти мавзуи мазкур дар "Барномаи давлатии маҷмӯии рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025", ки ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2021, №116 қабул шудааст, хеле бамаврид таъкид гардидааст: "Дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии кишвар бояд оид ба баланд бардоштани сатҳи маърифатнокӣ дар мавзӯи ҳифзи муҳити зист ва рушди устувор корҳои иловагӣ гузаронида, инчунин оид ба ин ду самт таҳқиқот анҷом дода шуда, бо дарназардошти таҷрибаи пешқадами хориҷӣ ва шароити кишварамон китобҳои дарсӣ бояд таҳия карда шаванд."

Дар фишурдаи рисолаи илмии Яҳёзода Ғолиб Яҳё зери унвони «Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон» ташаккули заминаи маърифати экологии кӯдакони синни томактабӣ ба ҳифзу ҳимояи арзишҳои табиат дар ҳамкории МТТ бо оила таҳқиқ гардидааст, ки арзиши корро бештар мегардонад.

Мақсади таҳқиқот таҳқиқи назариявию амалии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакон мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон мебошад.

Навгонии илмии таҳқиқотро таъмини шароитҳои педагогии инкишофи самарабахши асосҳои маърифати экологӣ дар муассисаи

таълимии томактабӣ дар ҳамкорӣ бо МТТ бо оила, коркарди амсилаи педагогии «Ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакон» ва мураттабсозии «Барномаи кории «Табиат хонаи мост. Қадамҳои аввалин ба олами экология» бо назардошти ҳамгироии машғулиятҳои таълимӣ, сайругашт, саёҳат ба табиати Тоҷикистон бо истифода аз асарҳои адабиёти бадеӣ, бозиҳои миллӣ, одату анъанаҳо ташкил медиҳад.

Дар коркарди мавзуи илмӣ муаллиф аз сарчашмаҳои фаровони илмиву методӣ ва махсусан таърихӣ истифода намуда, дар асоси хулосаҳои дақиқи илмӣ нақши назариву амалии мавзуи мавриди таҳқиқро муфассал баён намуда, навгониҳои арзиши баланди илмидоштаро пешниҳод намудааст.

Андешаҳои муаллиф дар пойгоҳи озмоишҳои педагогӣ мавриди омӯзишу санҷиш қарор гирифта, натиҷаҳои бадастомада мунсифона мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст ва хулосаҳои амиқи ҳаматарафа санҷидашудаву исботшуда ба даст омадааст, ки эътимоди таҳқиқотро тақвият додааст.

Рисолаи мазкур аз муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулосаи бобҳои алоҳида, хулосаи умумӣ, рӯйихати адабиёти мавриди таҳқиқ ва замимаҳо иборат аст.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқот ва дараҷаи омӯзиши он, асосҳои назариявию методологӣ ва усулҳои таҳқиқот, аҳамияти назариявию амалӣ ва навгониҳои илмии таҳқиқот асоснок карда шуда, фарзия, мақсаду вазифаҳо ва объекту предмети таҳқиқот муайян гардидаанд.

Вале барои боз ҳам беҳтар гардидани мазмуну муҳтавои фишурдаи кор тавсияро пешниҳод менамоям:

1. Агар муҳаққиқ дар фишурдаи кор "Барномаи давлатии маҷмӯии рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025", ки ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2021, №116 қабул шудааст, васеътар мавриди таҳлил қарор дода, таъмин намудани шароитҳои педагогиро барои ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакон тибқи талаботи барномаи мазкур бештар мавриди таҳқиқ қарор медод, ба мақсади гузоштааш бештар ноил мегардид.

Дар умум, Автореферати Яҳёзода Ғолиб Яҳё дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010100 - Таълим ва тарбияи томактабӣ (6D010101 - Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ)) ба талаботи КОА назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010100 - Таълим ва тарбияи томактабӣ (6D010101 - Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ)) мебошад.

Муқарриз, номзади илмҳои педагогӣ,
Раёсати муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаӣ умумӣ
Мутахассиси пешбари муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ.
Сарраёсати маорифи шаҳри душанбе Раҳимзода Ф. Г.

Имзои Раҳимзода Ф.Г –ро тасдиқ мекунам.
Мудири шуъбаи таъиноти кадрҳои
Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе Самиев Ҷ. С.

Маълумот барои тамос: 734012 Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе хиёбони Рӯдакӣ 18. Maorif. Rahimzoda.
Тел: +221-30-92, 221-76-00 факс; 221-30-92.